# ҶАЛАСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲ БАРГУЗОР ГАРДИД

Санаи 28.08.2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимон баргузор гардид. Ҷаласаро директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои техникӣ С. Р. Ниёзӣ оғоз намуда, таъкид кард, ки омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, баланд бардоштани сифати таҳқиқоти илмӣ ва таҳкими иқтидори зеҳнии муассиса аз самтҳои муҳимми фаъолияти Пажӯҳишгоҳ ба ҳисоб меравад. Мавсуф дар суханронии худ зикр намуд, ки сиёсати маорифпарваронаи давлат барои рушди илм, дастгирии муҳаққиқон ва омода намудани кадрҳои баландихтисос заминаи устувор фароҳам овардааст. Дар ин робита суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ёдовар шуд: «Мо рушди соҳаи маорифро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат қарор додаем». Сипас масъалаи самаранокии омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ дар заминаи татбиқи «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021–2030» мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз рӯйи масъалаи мазкур мудири шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, номзади илмҳои педагогӣ Марҳабо Султонмамадова гузориш пешниҳод намуд. Дар гузориш масъалаҳои марбут ба сифати омодасозии унвонҷӯён, самаранокии фаъолияти роҳбарони илмӣ, интихоби мавзуъҳои мубрами таҳқиқотӣ ва мутобиқати онҳо ба талаботи рушди соҳаи маориф таҳлил гардиданд. Таъкид шуд, ки таҳқиқоти илмӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои воқеии низоми таҳсилот, такмили мазмуни таълим ва баланд бардоштани сифати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ равона карда шаванд. Дар доираи масъалаҳои ҷорӣ китоби муассиса таҳти унвони «Пажӯҳишгоҳи рушди маориф дар даврони истиқлоли давлатӣ» ва дастури методии доктори илмҳои педагогӣ И. Давлатшоев таҳти унвони «Ташаккули маърифати ҳуқуқии хонандагон ҳамчун омили муҳимми арзишманди педагогикаи миллӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, қарорҳои дахлдор қабул гардиданд. Инчунин, масъалаҳои марбут ба иваз намудани мавзуъ ва роҳбари илмии унвонҷӯ, муҳокимаи мавзуъҳои рисолаҳои илмии унвонҷӯёни соли якум ва муайян намудани роҳбарони илмии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар анҷоми ҷаласа аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, ҷиҳати иҷрои босифат ва саривақтии онҳо ба масъулон супоришҳои мушаххас дода шуданд.












№13 - 0031





